«Тасдиқ мекунам»
ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»
_________ профессор Усмонзода А.И.
«_14_» _шарнии_ соли 2023

# ХУЛОСАИ

**маҷлиси васеи Шурои олимони факултети забонҳои шарқи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номаи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба экспертизаи давраи дуюми диссертатсияи Мирзоҳофизиён М.М. таҳти унвони «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD доктор аз рӯи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401–Назарияи адабиёт, матншиносӣ, нусхашиносӣ) – Хуҷанд, 2023. – 171 саҳ.**

Диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз таҳти унвони «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD доктор аз рӯи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401–Назарияи адабиёт, матншиносӣ, нусхашиносӣ) иҷро шудааст.

**Роҳбари илмии диссертатсия:** Насриддинов Фахриддин Абдуманонович – доктори илми филология, профессори кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

Муҳокима ва экспертизаи давраи якуми диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» санаи 22 ноябри соли 2022, протоколи №4 баргузор гаштааст.

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва мазмуну муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD доктор аз рӯи ихтисоси 6D021400 -

Адабиётшиносӣ (6D021401-Назарияи адабиёт, матншиносӣ, нусхашиносӣ) мутобиқат дорад.

**Алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Таҳқиқот дар заминаи сиёсати давлатӣ баҳри рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шинохти осори ниёгон ба роҳ монда шудааст.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои амалӣ бо муҳтавои диссертатсия.** Аз рӯи натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва пажуҳиш 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои дорои иҷозати КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида, манзури хонандагон гардонида шудааст, чунончи:

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

**[1–М].** Мирзоҳофизиён, М.М. Ошноӣ бо «Мифтоҳ-ун-наҷот»-и Аҳмади Ҷом//Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2018, - №4 (76). – С. 207-210. ISSN (2219-5408).

**[2–М].** Мирзоҳофизиён, М.М. Мероси насрии Аҳмади Ҷом//Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2019, - №1 (78). – С. 64-72. ISSN (2413-2004).

**[3–М].** Мирзоҳофизиён, М.М. Нусхашиносии осори Аҳмади Ҷом//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019, - №2. – С. 242-249. ISSN (2413-516X).

**[4–М].** Насриддинов Ф.А., Мирзоҳофизиён М.М. Тафосири куҳани тоҷикӣ – сарчашмаҳои нодири ирфонӣ//Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022, - №6-2 (101). – С. 235-239. ISSN (2219-5408).

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашриёҳои дигари илмӣ:**

**[5–М].** Мирзоҳофизиён, М.М. Нигоҳе ба рӯзгор ва эҷодиёти Аҳмади Ҷомӣ//Дин ва ҷомеа, апрели 2017, - №4. – С.47-48.

**[6–М].** Мирзоҳофизиён, М.М. Гулчини насри Аҳмади Ҷом//Дин ва ҷомеа, июли 2021, - №7. – С.25-28.

**[7–М].** Мирзоҳофизиён, М.М. Аҳмади Ҷом ва Алишери Навоӣ//Дин ва ҷомеа, майи 2022, - №5 (97). – С.22-25.

**[8–М].** Мирзоҳофизиён, М.М. Муаррифии нусхае навшинохта аз «Мифтоҳ-ун-наҷот»-и Аҳмади Ҷом //Маводи конфронси байналхалқии «Муаммоҳои филологӣ ва роҳҳои нави илмии ҳалли онҳо» (Фарғона, 12 декабри соли 2022). –С. 231-234.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ва ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Хулосаҳо ва натиҷаҳои диссертатсия тавассути маъруза ва гузориши илмӣ дар конференсияҳои

илмию амалии сатҳи байналмилалӣ (2022), ҷумҳуриявӣ (2022), минтақавӣ ва донишгоҳӣ (2017-2022) ва семинарҳои методӣ ба олимону омӯзгорони МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» манзур карда шудааст.

Матлабҳои амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот зимни «Хулосаҳо»-и диссертатсия дар интишороти муаллиф (бо ишора ба рақами мақолаҳо) ва қисмати «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот» дар 5 банд нишон дода шудаанд.

Маводи назариявию амалии диссертатсия метавонад дар рушди асосҳои илмию адабиётшиносӣ, коркарди равишҳои илмӣ дар самти таҳқиқи нусхашиносӣ, матншиносӣ, такмили фарҳангҳои истилоҳоти ирфонӣ ва ташкилу такмили курсҳои махсус, семинар, машғулиятҳои амалӣ ва лабараторӣ доир ба нусхашиносӣ ва матншиносӣ мусоидат намояд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқот.** Ҷамъоварии маводи амалӣ, муайян кардани сохтори диссертатсия, усулҳои муқоиса, таҳлил, хулоса, тавсияҳо оид ба татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ – дар маҷмуъ таълифи диссертатсия натиҷаи кори эҷодии довталаб мебошад. Таҳқиқи хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом, бо таваҷҷуҳ ба масъалаҳои нусхашиносӣ, баррасии сохторию мундариҷавӣ, корбурди ашъору тавзеҳи усулҳои баҳрабарӣ аз он, сабки насру шеваи баён, шарҳи истилоҳоти назарии сӯфия, пажуҳиши мутуни хаттию чопии мероси мансури ин донишманд ва табйини мақоми осори ӯ дар ташаккули адабу ирфони форсии тоҷикӣ, маҷмуан, бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик сурат мегиранд.

Диссертатсия ба вусъати соҳаи нусхашиносӣ, матншиносӣ, сабкшиносӣ ва шарҳи истилоҳоти ирфонӣ нигаронида шудааст.

**Пешниҳоди диссертатсия ба Шурои диссертатсионӣ.** Дар анҷоми маҷлис раисикунанда – декани факултети забониҳои шарқ, номзади илми филология Раҳимов И.У. дар бораи шахсият ва фаъолияти докторант PhD сухан ронда, дар асоси андешаҳои дар маҷлис баёншуда чунин лоиҳаи хулосаи маҷлисро пешниҳод кард: диссертатсия дар мавзӯи мубрам ва ҳануз таҳқиқнашуда таълиф гаштааст, мазмуни кор ба мавзуъ ва шиносномаи ихтисос мутобиқ аст, автореферат муҳтавои диссертатсияро дар бар мегирад, натиҷаҳои таҳқиқ муфассал дар 8 мақолаи илмӣ интишор ёфтааст.

Бо назардошти андешаҳои боло, Шурои олимони факултети забонҳои шарқи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар маҷлиси васеи худ (протокол № 8, аз 14 марти соли 2023) диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан

Мирзоҳофизро таҳти унвони «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» ҳамчун таҳқиқоти комилан анҷомёфта бо назардошти ислоҳи хатоҳои зикршуда барои баррасӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037 назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои дифоъ оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD доктор аз рӯи ихтисоси 6D021400 - Адабиётшиносӣ (6D021401-Назарияи адабиёт, матншиносӣ, нусхашиносӣ) пешниҳод кард.

**Иштирок доштанд:** 21 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ:
«тарафдор» – 21 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси Шурои олимон,
номзади илми филология: Раҳимов И.У.

Муқарризони холис –
доктори илми филология, директори
Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»: Нуров Н.Н.

Номзади илми филология, муовини директори
МД-и «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ» Шарифов Ш.Ҳ.

Котиби маҷлис,
номзади илми филология: Содиқова Р.

«Имзоҳои Раҳимов И.У., Нуров Н.Н., Шарифов Ш.Ҳ. ва Содиқова Р.-ротасдиқ мекунам».
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ-и
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров»: Наврӯзов Э.М.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.
Тел.: (+992) 900420202
E-mail: n.ehson@mail.ru